*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

## ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Икромӣ Нуриддин Қиём ба диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Баррасии ҷиддӣ ва амиқи муҳтавою муқаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Одиназода С.П. дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» моро ба хулосае водор кард, ки дар ҳақиқат ихтисоси диссертатсия ба сархатҳои қисми 10. Бонкҳо ва ташкилоти қарзии дигар: бандҳои 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ ва Қисми 11. Танзими пулию қарзӣ: б. 11.7. Танзими давлатии ниҳодҳои қарзию молиявӣ мутобиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда - «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, мубрам буда, дар он масоили такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ возеҳ дарҷ гардидааст.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллифи рисола дорои аҳамияти бузурги илмӣ мебошад, зеро фаъолияти муассисаҳои бонкӣ барои рушди иқтисодиёти кишвар ва таъмини суботи молиявӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Идоракунии муассисаҳои бонкӣ, ки ба хусус дар заминаи сиёсати молиявӣ ва иқтисодӣ сурат мегирад, барои таъмин намудани рушди устувор ва сармоягузорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ зарур мебошад.

Дар шароити ҷаҳонии имрӯза ба ҳамагон маълум аст, ки байни ниҳодҳои молиявию қарзии кишварҳо пайвастагии амиқ пайдо гардида, идоракунии муассисаҳои бонкӣ як амали стратегӣ барои нигоҳ доштани суботи молиявӣ ва манфиатҳои умумии кишвар маҳсуб меёбад. Инчунин, таҳкими низоми

бонкӣ бо истифода аз усулҳои навини идоракунӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти бонкҳо аз аҳамияти махсус орӣ нест.

Ҳамзамон, такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкили муҳити мусоиди соҳибкорӣ, афзоиши маҳсулоти дохилӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, таъмини рушди бахши бонкӣ бо истифода аз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва мутобиқсозии онҳоро ба шароити кишвар, метавонад имкониятҳои нави иқтисодӣ барои ҷомеа ва давлат фароҳам орад.

Дар айни замон, бахши бонкӣ нақши муҳими худро дар амалиёти маблағгузорӣ, барномаҳои қарзӣ ва идоракунии саҳмияҳои давлатӣ мебозад. Ҳамчунин, такмили идоравии муассисаҳои бонкӣ дар амалишавии сиёсати иқтисодии давлат ва тарғиб кардани фаъолияти бонкҳои хусусӣ ва давлатиро тақвият мебахшад.

Дар раванди такмили идоракунии давлатӣ дар бахши бонкӣ, диққати ҷиддӣ бояд ба равади мутобиқсозии ниҳодҳои миллии молиявӣ-қарзӣ ба стандартизатсияи амалияву равишҳои байналмилалӣ, таъмини назорат ва мубориза бо коррупсия ва пӯшида кардани хатарҳо дода шавад. Идоракунии самараноки бахши бонкӣ инчунин ба беҳтар шудани муносибатҳо бо муассисаҳои молиявии хориҷӣ ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ кӯмак мерасонад.

Пешрафти соҳаҳои молия ва бонкдорӣ бо ҳамоҳангсозии сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ алоқаманд аст, ки ба ин восита, давлат метавонад ҳаёти иқтисодии худро ба як дастгоҳи самаранок табдил диҳад. Инчунин, таҳкими назорати давлатии бахши бонкӣ барои таъмини шаффофияти фаъолияти молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимоди мардум ба низоми бонкӣ аҳамияти назаррас дорад.

Ҳаминтариқ, такмили идоракунии бахши бонкӣ дар Тоҷикистон инчунин ба рушди институтҳои нави молиявӣ, аз қабили бонкҳои рақамӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои ин тадқиқот метавонанд дар оянда механизмҳои идоракунии давлатии бахши бонкҳо ва хизматрасониҳои молиявии онҳоро ба таври бештар ва мукаммалтартар таъмин намоянд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии таҳқиқот – аз асосноккунии асосҳои назариявию амалии такмилёбии идоракунии давлатии бахши бонкӣ ва дар ин замина ташкили фаъолияти самараноки низоми бонкӣ ва тақвияти механизми ҳамкории давлат ва бахши бонкӣ иборат мебошад.

Дараҷаи навгонии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо он асоснок мегардад, ки дар диссертатсия ҷанбаҳои омӯзиши асосҳои назариявии идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар низоми муносибатҳои

иқтисодӣ таҳқиқ гардида, ҷанбаҳои бунёдии идоракунии давлатии бахши бонкӣ мувофиқи ақидаи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ асоснок карда шуда, идоракунии давлатии бахши бонкӣ аз нигоҳи муалииф тафсир гардидааст, усулҳои ташкили идоракунии давлатии низоми бонкӣ дар шароити муосир мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳадафҳо, зарурият ва роҳу воситаҳои идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ мушаххас карда шудааст, вазъи муосири нишондиҳандаҳои бахши бонкӣ таҳлил карда шуда, таъсири идоракунии давлатии бахши бонкӣ ба раванди ташаккул ва рушди дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва тақвияти ҳолати пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ муйян гардида, имкониятҳои тавсеаи он аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда шудааст, мавқеи бонкҳои давлатӣ ҳамчун институтҳои муҳими бахши бонкӣ таҳлил гардида, аҳаммияти иқтисодии бонкҳои мазкур, ташаккули воҳидҳои сохторӣ ва таҳкими нишондиҳандаҳои молияии бонкҳои давлатӣ нисбат ба бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ шуда, дурнамои рушди нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои давлатӣ нисбат ба низоми бонкӣ коркард гардидааст, ҷанбаҳои афзалиятноки идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ муайян гардида, омилҳои асосии идоракунии давлатии бахши бонкӣ ҳамчун: суботи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, устувории қурбӣ, ҳимояи манфиатҳои умумимиллӣ ва муштариён, рушди соҳаҳои стратегӣ ва татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ муайян ва асоснок гардидаанд ва аҳаммияти давлат дар самти дастгирии молиявии бахши бонкӣ, коркарди стратегияи идоракунии давлатии бахши бонкӣ ва таҳкими нишондиҳандаҳои пруденсиалӣ зимни идоракунии бахши бонкӣ дар шароити навини иқтисодӣ илман асоснок карда шудааст, оварда шудаанд.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Аҳаммияти илмӣ-назариявии кори диссертатсиониро ақидаҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ ва дигар олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба низоми бонкӣ, идоракунии давлатии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки он дар амал асоснок карда шудааст. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои идоракунии бахши бонкӣ, аҳаммияти давлат дар идоракунии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ фарогир мебошад. Тадқиқотҳои методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумотҳо барои гузаронидани тадқиқотҳои методологӣ- назариявии идоракунии давлатии бахши бонкӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омори расмӣ, маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар маълумотҳои расмӣ асос ёфта, натиҷаҳои тадкиқотҳои амалии гузаронидашуда ва тавсияҳои амалии барои идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунад.

Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқикоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

**6. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф раванди идоракунии давлатии бахши бонкиро дар шароити имрӯза омӯхта, роҳҳои баландбардонии самаранок идоракунии давлатиро коркард ва самтҳои афзалиятноки онро дар кишвар пешниҳод намудааст.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Экспертизаи диссертатсия нишон дод, ки муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 24 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**8. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Одиназода С.П. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, омодасозии дисссртатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**9. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, нӯҳ зербоб, 19 ҷадвал, 12 расм, 7 диаграмма, хулоса иборат буда, бо истифода аз 160 сарчашма таҳия карда шуда, дар 182 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети

таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии онҳо инъикос ёфтаанд (саҳ.4-14).

**Боби якуми диссертатсияи бо номгузории** «Асосҳои назариявӣ ва методии идоракунии давлатии бахши бонкӣ», ки дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии фаъолияти бонкҳо ва аҳамияти он дар муносибатҳои муосири иқтисодӣ, усулҳои идоракунии бахши бонкӣ дар иқтисодиёти муосир ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба идоракунии давлатии бахши бонкӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф инъикос ёфтааст. (саҳ.15-67).

Ба ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ қайд мекунад: бонк ташкилоти молиявии махсус мебошад, ки вазифаҳои ҷалби маблағҳои пулӣ, миёнаравӣ, қарздиҳӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои молиявиро дар иқтисодиёт иҷро мекунад ва бо мақсади фоида ба даст овардан ташкил мегардад. Дараҷаи рушди иқтисоди миллӣ аз фаъолияти самараноки бахши бонкӣ вобастагии зиёд дорад. Дар ин радиф, рақобатпазирии бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муҳим буда, баландбардории он дар шароити муосир такмилдиҳандаи нақши бонкҳо дар иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд, ки баландбардории рақобатпазирии онҳоро таъмин менамояд.

Аз ин бармеояд, ки бонкҳо дар иқтисодиёт мақоми махсуси худро дошта, амалиётҳои гуногунро иҷро менамоянд. Чӣ тавре ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» қайд гардидааст, яке аз амалиётҳои асосии бонкҳо ин миёнаравии онҳо дар низоми иқтисодии муосир мебошад ва бонкҳоро зарур аст, ки дар тақсимнамоии сармоя байни субъектони иқтисодӣ фаъолона кор баранд. (саҳ. 18-23).

Дар асоси омӯзиши маводҳои назариявӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки фаъолияти самараноки бахши бонкӣ рушду нумӯи самтҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, идоракунии бахши бонкӣ бояд ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи корпоративӣ ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шавад. Бо назардошти фаъолияти густурдаи бахши бонкӣ, идораи он низ бояд фарох ва самаранок бошад. Дар ин самт нақши давлат аз нигоҳи иқтисодӣ зиёд аст ва давлат метавонад бо истифода аз имкониятҳои молиявӣ ва механизмҳои умумииқтисодӣ ба танзими бахши бонкӣ таъсир расонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ҳамчун органи махсус ба бахши бонкӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд ва пайваста идоракунии онро зери назорат гирифтааст. Тараққиёти иқтисодӣ аз сиёсати иқтисодии пешгирифтаи давлат ва ҳукумат вобастагии беандоза дошта, таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии хоҷагии халқ аз инҷо сарчашма мегирад. Махсусан фаъолияти бахши бонкӣ ва сиёсати давлатӣ айни замон муайянкунандаи рушди устувори

иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ислоҳоти солҳои охир дар иқтисодиёти мамлакат баамаломада соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ аз танзими давлатӣ то андозае берун рафтанд, зеро қонуниятҳои иқтисодиёти муосир чунин тақозо менамуд. Аммо бояд қайд намуд, ки субъектони амалкунандаи иқтисодиёт бидуни танзими давлатӣ наметавонанд фаъолияти густурда дошта бошанд. Дар ин росто, давлат набояд манфиатҳои умумидавлатиро нодида гирад. Зеро идоракунии бахши хусусӣ аз ҷониби давлат, бояд фарогири манфиатҳои умумидавлатӣ бошад, то ин ки рушди устувори иқтисодиёт ба таври зарурӣ роҳандозӣ карда шавад. Махсусан, дар шароити ба миён омадани бӯҳронҳои молиявӣ, идоракунии давлатии бахш бонкӣ ва молияи давлатӣ ногузир арзёбӣ мегардад. Идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои охир, махсусан баъди як қатор буҳронҳои молиявӣ аҳамияти хосаеро касб намуд. (саҳ. 32-40).

Дар доираи боби якум муаллиф таҷрибаи хориҷиро оид ба таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба идоракунии давлатии бахши бонкӣ мавриди таҳлил қарор додааст, ки дар он таҷрибаи давлатҳоро омӯхта пешниҳод намудааст, ки таҷрибаи Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Халқии Чин ва Федератсияи Россия дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. (саҳ. 47-67).

**Дар боби дуюм – «Таҳлили вазъи муосири идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон»** вазъи муосири бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири давлат ба таҳкими минбаъдаи он, таҳлили фаъолияти бонкҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар инкишофи нишондиҳандаҳои сохторӣ-молиявии бахши бонкӣ ва андозбандии ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун фишанги идоракунии давлатӣ дар бахши бонкӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтанд.

Муаллиф дар доираи таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки пешниҳоди қарз яке аз вазифаҳои марказии бахши бонкӣ буда, давлат дар ин самт ҳавасманд аст, ки бештар қарзҳои ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ пешкаш гарданд ва дастрасӣ ба онҳо сода бошад. Воқеан, рушди устуворонаи иқтисодиёти муосирро бидуни захираҳои қарзӣ тасаввур намудан қобили қабул нест. Зеро тахрикдиҳандаи бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ва таъмини субъектони хоҷагидорӣ бо маблағ аз дараҷаи дороиҳои бахши бонкӣ вобастагӣ дорад. Аз ин хотир, давлат пайваста бахши бонкии кишварро аз нигоҳи молиявӣ дастгирӣ менамояд, то ин ки пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта шавад. (саҳ. 78-93).

Диссертант дуруст қайд мекунад, ки идоракунии давлатии бахши бонкӣ аз умдатарин самтҳои фаъолияти давлат ба ҳисоб рафта, ба ин восита давлатҳо нақши худро дар пешрафти иқтисодиёт таҳким мебахшанд. Илова ба ин, ташкили бонкҳои давлатӣ барои низоми хоҷагидории мамлакат

аҳамияти молиявии бузург дошта, соҳаҳои калидии итисодиётро пеш мебарад. Махсусан, ташкили бонкҳои давлатӣ ва таъмини иқтисоди воқеӣ бо захираҳои қарзӣ ба воситаи бонкҳои мазкур заминиа мусоиди рушдро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда, метавонад, ки суботи иқтисодиро таъмин намояд.(саҳ. 94-106).

Пас аз омӯзиши ҳамаи паҳлӯҳои таҳқиқот муаллиф қайд мекунад, ки ҷалби пасандозу амонатҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ давра ба давра афзоиш ёфтааст. Масалан, агар соли 2017 аз ҷониби низоми бонкӣ ба иқтисодиёт зиёда аз 8506, 2 млн. сомонӣ қарз пешниҳод шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 то ба андозаи 13577,58 млн. сомонӣ расид, ки 83 фоиз афзоишёбӣ дида мешавад. Умуман, нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ дар ин давра тақвият ёфта, баҳри сармоягузории иқтисоди миллӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои бонкӣ равона гардидааст. (саҳ. 110-120).

**Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** тақвияти ҷанбаҳои афзалиятноки идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ, баландбардории нақши давлат дар таъмини фаъолияти самараноки бахши бонкӣ ва такмилдиҳии меъёрҳои пруденсиалӣ-назоратӣ вобаста ба идоракунии бахши бонкӣ пешниҳод шудааст. (саҳ.121-157).

Муаллиф дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда қайд намудааст, ки ҳадафҳои идоракунии давлатии низоми бонкӣ бояд дар шакли стратегияи мушаххас таҳия карда шавад, то ки асосҳои бунёдии идоракунии низоми бонкиро инъикос намуда, заминаи мустаҳками рушди устуворро ташкил намояд. Стратегияи идоракунии давлатии бахши бонкӣ бояд бо назардошти таъсири омилҳои берунӣ-дохилӣ, микро-макро иқтисодӣ ва асосноккунии рушди минбаъдаи низоми бонкӣ ташкил карда шавад. (саҳ.121-141).

Дар диссертатсия муаллиф чунин меҳисобад, ки дар шароити муосир таҳияи низоми мукаммали тадбирҳо ҷиҳати баландбардории шаффофияти маълумотҳои бахши бонкӣ бояд аз ҷониби давлат танзим карда шавад. Дар сурати носаҳеҳ будани маълумот, бонкҳо метавонанд эътимодияти худро дар назди муштариён гум намоянд ва ин амал метавонад сабаби пайдошавии нофаҳмиҳо гардад. Вобаста ба ин давлатро зарур аст, ки ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои муштариён ва болобарии эътимодияти бонкҳо чораҳои зарурири андешад. Дар шароити рақобати шадид ва густаришёбии доираи хизматрасонии бонкҳо шаффофияти маълумотҳои бонкӣ бояд ҳамаи самтҳои фаъолияти онҳоро фарогир бошад. Танҳо бо чунин роҳ бонкҳо метавонанд эътимодияти худро ба даст оранд ва мавқеи худро дар бозор устувор нигоҳ доранд. (саҳ.153-155).

Дар хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии

таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. (саҳ. 158-164).

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Одиназода С.П. дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот бо баррасии монеаҳои институтсионалӣ, ки ба такмили фаъолияти низоми идоракунии давлатии бахши бонкӣ монеъ мешаванд, пурра карда шавад.

2. Гарчанде ки муаллиф дар боби дуюми рисола вазъи муосири идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи зарурӣ таҳлил намудааст, сатҳи сифати рисола боз ҳам беҳтар мегардид, агар дар ҷараёни таҳлил муаммоҳои сарбастаро низ пайдо намуда, онҳоро бо назардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар боби 3-юм ҳал менамуд.

3. Нақши таъсиррасонии давлат тавассути сиёсати андозии бахши бонкӣ хеле умумӣ тасвир шӯдааст. Хуб мебуд, агар муаллиф дар зербоби 2.3 натиҷаи таъсири андозҳоро ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ возеҳу равшан бо далелҳои оморӣ арзёбӣ менамуд.

4. Барои такмили низоми идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф бештар ба таҷрибаи Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Халқии Чин ва Федератсияи Россия такия менамояд. Беҳтар мегардид, агар муаллиф миқдори интихоби алтернативии таҷрибаи давлатҳои хориҷаро зиёд менамуд.

Бояд қайд намоем, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши баланди илмии онро коста намекунад.

**12. Хулосаи умумӣ**

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои бадастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ саҳми калон доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси

08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Икромӣ Н.Қ.

Дурустии имзои Икромӣ Н.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
Тел: +992 933767676
E-mail: ikromov65@bk.ru